«Тасдиқ менамоям»
Ректори Донишгоҳи (Славянии)
Россия ва Тоҷикистон
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
__________ Файзулло М.Қ.
«_29_» _01_ с.2024

**ТАҚРИЗИ**

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Аҳадов Исматилло Қаюмович дар мавзуи: «Такмили низоми идоракунии дороиҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда.** Таҳқиқоти диссератсионӣ ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз: 10.12. Такмили низоми идоракунии хавфҳои бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон; 10.13. Проблемаҳои арзёбӣ ва таъмини эътимоднокии бонк; 10.14. Коркарди равишҳои арзёбии сандуқи дороиҳои бонкҳои Тоҷикистон ва самтҳои муносибгардонии сандуқи мазкур; 10.16. Системаи мониторинг ваояндабинии хавфҳои бонкӣ мувофиқат мекунад.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳамияти он.** Ҳамаи марҳилаҳои татбиқи нақшаи рисолаи диссертатсионӣ, аз ҷумла таҳияи мавзуъ, асоснокқунӣ ва мубрамияти он, ҳадаф ва вазифаҳои рисола бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст. Таҳқиқоти илмии аспирант дар раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар ҳангоми таълими фанҳои «Фаъолияти бонкӣ», «Муомилоти пул ва қарз», «Танзим ва назорати бонкӣ», «Баҳогузории фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ», истифода гардидааст.

Муаллиф дар раванди таҳияи тавсияҳо ва пешниҳодҳои илман асоснок оид ба идоракунии дороиҳои бонкӣ ва самаранокии он, ҳалли мушкилоти

мавҷуда, баланд бардоштани сифати дороиҳо ва такмили механизми идоракунии он саҳмгузор мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар шароити рушди муносибатҳои бозоргонӣ ва ислоҳоти вазъи низоми бонкӣ ҳарчанд, ки хуб арзёбӣ мегардад, аммо ҳамеша дар зери таҳдиди хатарҳои ногаҳонӣ қарор дорад. Вобаста ба ин, қайд намудан зарур аст, ки талаботҳои аз ҷониби мақомоти назорати бонкӣ муайянгардида, аз қабили ҳиссаи сармояи худӣ нисбат ба дороиҳо, пардохтпазирии ҷорӣ, ҳадди ниҳоии хавфҳо ва ғайра қатъӣ риоя гардад. Бинбар ин таҳлили нишондиҳандаҳои асосии низоми бонкии дар диссертатсия таҳлилгардида, бахри муайян намудани ҳолати молиявии ташкилотҳои қарзӣ зарур мебошад.

Имрӯз, дар тамоми кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла дар мамлакати мо масъалаи идоракунии дороиҳо ва назорати хавф, ки ташкилотҳои қарзии молиявӣ бо он рӯ ба рӯ мешаванд, яке аз мушкилоти асосӣ маҳсуб меёбанд. Бинобар ин, дар ҳолати риоя накардани қоидаҳои пешгирии хавф, он метавонад ба дороиҳои бонкӣ таъсири зиёд расонида, тамоми нишондиҳандаҳои бонкиро манфӣ гардонад.

Гуфтаҳои боло аз он шаҳодат медиҳанд, ки мавзуи мазкур мубрам ва саривақтӣ ба ҳисоб рафта, дар ҳалли масъалаи мазкур аз ҷиҳати асосноккунии илмӣ ва тавсияҳои амалӣ қадами пешоҳангӣ ба ҳисоб меравад. Вазъи ҷойдоштаи масъалаҳое, ки дар боло зикр шуданд, коркарди нокифояи назариявии тадқиқи муаммои мазкурро дар соҳаи иқтисодиёти миллӣ инъикос менамояд. Вобаста ба муҳимияти мавзуи интихобшудаи диссертатсия, инчунин арзиши илмӣ ва аҳамияти амалии он асоснок карда мешаванд.

**Нуктаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ** дар конференсияҳои сатҳи байналмилалию ҷумҳуриявӣ дар мавзуъҳои «Тоҷикистон дар низоми муосири муносибатҳои молиявӣ-қарзии байналхалқӣ» (Душанбе - 2021), «Вазъи низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи пандемияи

коронавирус (COVID-19)» (Кӯлоб - 2021), «Ташаккули бахши молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақши он дар рушди устувори иқтисоди миллӣ» (Кӯлоб - 2022), "Муаммоҳои инкишофи низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити гузариш ба иқтисодиёти индустриалӣ - инноватсионӣ" (Душанбе-2022), «Арзёбии ҳолати фаъолияти соҳибкории хурду миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Душанбе - 2023), «Механизмҳои таъмини устувории молиявии ташкилотҳои қарзӣ дар шароити саноатикунонӣ ва иқтисодиёти инноватсионӣ» (Душанбе-2023), «Рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир: муаммоҳои рушд ва роҳҳои ҳалли онҳо» (Душанбе – 2023) маъруза гардида, сазовори баҳои баланд гардидаанд. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 17 мақолаи илмии муаллиф, аз ҷумла 6 мақола дар маҷалла ва нашрияҳое, ки ба рӯйхати маҷаллаву нашрияҳо, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд, ба табъ расидаанд.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳамияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.**

Дар рисолаи илмии аспирант Аҳадов Исматилло Қаюмович натиҷаҳои асосие, ки унсурҳои нававарии илмии тадқиқотро дар бар мегиранд, аз инҳо иборатанд:

- дар диссертатсия муаллиф асосҳои назариявию методии ташаккули дороиҳои бонкиро мушаххас намуда, дар ҷамъбасти натиҷаҳои назариявию методии адабиёти мавҷуда таърифи такмилшудаи дороиҳои бонкиро пешниҳод намудааст;

- муаллиф исбот намудааст, ки афзоиши додани дороиҳои низоми бонкӣ вобаста ба мутобиқшавии фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ ба вазъияти тағйирёбандаи иқтисодиёти муосири ҷаҳон мебошад. Бинобар ин сарчашмаҳои ташаккули дороиҳо, роҳҳои беҳтар гардонидани сифати онҳо, усулҳои муосир ва самараноки баҳодиҳӣ ва роҳҳои дурусти идоранамоии дороиҳо дар натиҷа муайян карда шудаанд;

- дар таҳқиқот таҷрибаи давлатҳои хориҷии дуру наздик вобаста ба ташаккули дороиҳои бонкӣ ва самаранок идора кардани онҳо омӯхта шуда, роҳҳои истифодаи имконпазири механизм ва методҳои идоракунии дороиҳо дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст;

- муаллиф маҷмуи усулҳои муосири баҳодиҳии дороиҳои бонкӣ ва истифодаи онро таҳия намуда, дар самти идоракунии самараноки дороиҳои бонкӣ вобаста ба таъсири ҳолати низоми бонкӣ, кифоятӣ, сатҳ ва сифати дороиҳо роҳҳои таъмини устувории молиявии бонкҳоро дар шароити имрӯза тавсияҳо пешниҳод намудааст;

- тағйиротҳои сифатии идоранамоии дороиҳои бонкӣ аз тарафи муаллиф баррасӣ гардида, дар натиҷа механизмҳои асосноки идоракунии самараноки дороиҳои бонкӣ аз нуқтаи назари паст кардани шиддати хавфҳо ва коҳиш додани таъсири омилҳои бухронӣ пешниҳод гардидааст, инчунин барои муайян намудани сифати дороиҳо аз рӯи бозоргирии онҳо ва эътимоднокии мизоҷон нисбат ба бонк тавсияҳо дода шудааст;

- таҳқиқот нишон медиҳад, ки афзоиш додани дороиҳои бонкӣ ва роҳҳои пайдо намудани сарчашмаҳои ташаккули он дар сатҳи зарурӣ муайян гардида, вобаста ба самаранок истифодабарии дороиҳо ба самтҳои афзалиятнок ва паст намудани сатҳи таъсири хавфҳо ба онҳо тавсияҳо пешниҳод гардидаанд. Инчунин аз тарафи муаллиф моделе коркард гардидааст, ки тавассути он дурнамои нишондиҳандаҳои бонкиро муайян намудан мумкин аст.

**Аҳамияти илмӣ ва амалии** таҳқиқот дар муайян кардани моҳияти дороиҳои бонкӣ ва роҳҳои имконпазири ташаккули он, идоранамоӣ ва методи баҳодиҳии дороиҳои бонкӣ ва истифодаи он барои таъмини устувории бонкҳо таҷассум меёбад. Хулосаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд дар фаъолияти амалӣ, инчунин, поягузории илмии мансуб ба сатҳи сифати фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ истифода шаванд.

Натиҷаҳои таҳқиқот метавонад ба рушди минбаъдаи фаъолияти бонкҳо ва такмили механизми идоракунии дороиҳои бонкӣ мусоидат намуда, пешниҳодҳои муаллиф ва асоси назариявии кор дар истифодаи самараноки дороиҳои бонкӣ ва такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки миллии Тоҷикистон дар самти фаъолияти бонкӣ истифода гардад.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.**

Чуноне ки аз шиносоӣ бо муҳтавои диссертатсияи пешниҳодшудаи аспирант бармеояд, тахассуси илмии ӯ ба дараҷаи илмии дархостнамудааш мутобиқат менамояд. Довталаби дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ Аҳадов Исматилло Қаюмович ба талаботи бандҳои банди 17-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ва банди 18-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, № 295 "Дар бораи тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267") тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

**Мазмуни кори диссертатсионӣ.**

Дар муқаддима мубрамияти мавзуи диссертатсия, дараҷаи таҳқиқи илмии он асоснок карда шуда, мақсаду объект ва мавзуи таҳқиқот, навгонӣ, асосноккунии ҷанбаҳои назариявию методӣ ва аҳамияти натиҷаҳои таҳқиқот дар самти идоракунии дороиҳои бонкӣ нишон дода шудаанд.

Дар боби якум «**Асосҳои назариявӣ ва методии идоракунии дороиҳои бонкӣ**» асосҳои назариявии бонк, низоми бонкӣ, дороиҳои бонкӣ ва идоранамоии онҳо бонкӣ, заминаҳои ташаккули дороиҳои бонкӣ дар замони муосир ва таҷрибаи хориҷии идоракунии дороиҳои бонкӣ ва имконияти истифодаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Нуқтаҳои асосӣ ва ҷолибтарини ин боб равишҳои назариявӣ оид ба мавҳуми доройӣ (ҷадвали 1.1, саҳ. 19-20)-ро гуруҳбандӣ намуда, таърифи муаллифии худро пешниҳод менамояд.

Дар рисолаи илмӣ муаллиф муаммоҳо ва мушкилотҳои дар назди ташкилотҳои қарзӣ истодаро тасниф намуда, нақши дороиҳои бонкиро дар бартараф намудани он нишон додааст, зеро иқтисодиёти имрӯза бо назардошти муайянкунии хавфҳо, амалинамоии барномаҳои миллӣ, таҳлили равандҳои рушди иқтисодӣ, таҳияи стратегияҳои рушди соҳавӣ пешгӯинашаванда боқӣ мемонанд ва бонкҳоро зарур аст то сармояи худро ба соҳаҳое, ки ояндаашон нисбатан пешгӯишаванда аст, сафарбар намуда, аз он натиҷаи дилхоҳашонро ба даст оранд. Чунки аз рӯи таҷриба он ташкилотҳои қарзие, ки ба ин масъала начандон аҳамияти ҷиддӣ доданд, ба ҳолатҳои вазнини молиявӣ дучор гардиданд (саҳ. 20-22).

Ба ибораи муаллиф амалиёти пассивӣ дар муносибат бо амалиёти активӣ нақши аввалиндараҷа ва заруриро мебозад, ки ин барои афзоиш додани ҳаҷми захираҳои бонкӣ муҳим мебошад. Инчунин барои муайян намудани вазъи дороиҳои бонк, пеш аз ҳама сафарбаркунии онҳо ба кадом намуди амалиётҳои активӣ муайян карда шавад. Идоракунии дурусти онҳо, аз ҷумла муайян кардани роҳҳои ҷалб ва ташкили дороиҳо бо истифода аз ӯҳдадориҳои бонкро талаб мекунад. Зеро маҳз ӯҳдадориҳо яке аз сарчашмаи асосӣ барои ташкили фаъолияти бонк буда, дар робита бо ҷойгиркунии маблағҳо ба амалиёти активӣ, фоиданокии бонкро муайян мекунанд (саҳ. 24-27).

Гуруҳбандии дороиҳои бонкӣ аз нуқтаи назари олимони соҳаи иқтисодӣ (саҳ. 32) нишон дода шуда, муаллиф нуқтаи назари худро доир ба гуруҳбандии дороиҳои бонкӣ (саҳ. 34) пешниҳод намудааст.

Яке аз самтҳои асосӣ барои дарёфти роҳҳои наву самаранок ин таҳлили таҷрибаи хориҷӣ ба шумор меравад. Бинобар ин барои дарёфти низоми наву самараноки идоракунии дороиҳои бонкӣ ва барои танзими хизматрасонии бонкӣ таҳлили низоми бонкии худро бо низоми бонкии ҷумҳуриҳои ҳамсоя, шариконӣ рушд ва давлатҳои дигари аз ҷиҳати низоми бонкӣ пешрафта ба роҳ мондан дуруст аст.

Дар боби дуюм **«Таҳлил ва баҳодиҳии идоракунии дороиҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** таҳлили вазъи муосири дороиҳои бонкӣ ва баҳодиҳии сифати онҳо, баҳодиҳии динамикии идоракунии самараноки дороиҳои бонкӣ, арзёбии хавфҳои муосири низоми бонкӣ ва таъсири онҳо ба сифати дороиҳо мавриди омӯзиш ва таҳқиқот қарор дода шудааст. Муалиф дар ин бобу зербобҳои он динамикаи тағйироти ҳаҷми дороиҳо, қарзҳо, сармоягузориҳо ва воситаҳои асосӣ дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба фаъолияти устувори бонки тиҷоратӣ саҳми беандоза дорад, қайд намудааст. Инчунин, сифати сандуқи қарзӣ дар муайян намудани сифати дороиҳои низоми бонкӣ нақши асосӣ дорад,ки дар рисолаи илмӣ оварда шудааст.

Муаллиф дар ин боб қайд намудааст, ки як қатор масъалаҳое мавҷуданд, ки барои ба вуҷуд омадани хавфҳои низоми бонкӣ шароит фароҳам меоранд, ба монанди суст будани механизми идоранамоии пардохтпазирӣ, кам будани боварии аҳли ҷомеа ба бонкҳо, саривақт қонеъ нанамудани талаботи мизоҷон бо дархости аввалин, рақобати маҳдуд дар байни бонкҳо бо сабаби кам будани шумораи онҳо, суст будани низоми иттилоот дар бораи қарзҳо ва дигар нишондиҳандаҳои бонкӣ, номувофиқатии дороиҳо ва уҳдадориҳои бонкӣ ва ғайра.

Дар боби сеюм **«Такмили идоракунии дороиҳои бонкӣ ва кам намудани сатҳи пастравии сифати онҳо»** масъалаҳои актуалии ташаккули дороиҳои бонкӣ дар шароити баланд гардидани талабот ба рақамикунонии иқтисодиёт, роҳҳои имконпазири кам намудани хавфи пастравии сифати дороиҳои бонкӣ дар шароити имрӯза, роҳҳои таъмини устувории молиявӣ ва истифодаи самараноки дороиҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудааст.

Муаллиф дар ин боб зимни таҳлилҳо ба хулосае меояд, ки солҳои охир дар рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор пешравиҳо то як андоза ба назар расида, ташаккули дороиҳои бонкӣ низ дар ин давра назаррас мебошанд. Инчунин дар ин марҳила асосҳои қонунгузорӣ ва санадҳои

меъёрию ҳуқуқии низоми бонкӣ вобаста ба тағйирёбии шароити иқтисодӣ таҳким бахшида шуданд. Ҳарчанд ки дар баробари ин дигар нишондиҳандаҳои бонкӣ, аз қабили сандуқи қарзӣ, пасандозҳо, сармоя, шумораи мизоҷон дар ин марҳила афзоиш ёфтанд, проблеммаҳои ҳалношуда низ зиёд боқӣ монданд.

Дар ин робита, ба ақидаи муаллиф, ҷиҳати дастгирии рушди иқтисодиёт дар Тоҷикистон сатҳи қарздиҳӣ ва пасандозгузориро ҳаҷман рушд додан лозим меояд. Яке аз масъалаи актуалии ташаккули дороиҳои бонкӣ ин зиёд намудани ҳаҷми қарздиҳӣ ва дар заминаи ин зиёд намудани захираҳои пулӣ ба даромад ва дороиҳои бонкӣ нигаронидашуда мебошад.

Зимни таҳлил муаллиф ошкор менамояд, ки барои ташаккули захираҳои бонкӣ ва баландбардории устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ зарур аст, то ба коғазҳои қиматнок табдилдиҳии (секюритизатсияи) дороиҳо ва суғуртакунонии хавфҳои бонкиро аз ҷониби ширкатҳои суғуртавӣ истифода намуд. Инчунин пешниҳод карда шудааст, ки бояд тамоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии бонкӣ ба санади меъёрии ҳуқуқии стандартҳои Базелӣ мутобиқ сохта шавад. Ин дар танзим ва назорати бонк саҳми арзанда дошта, устувории бонкҳои давлатҳои аъзо ва ғайриаъзоро тавассути пешниҳодҳои тавсиявии худ ба танзим медарорад. Ин санад дар доираи се стандарт асос ёфтааст, ки ҳар яке аз он самтҳои алоҳидаи бонкиро дар бар мегиранд. Талаботи стандарти Базел I аз муайян кардани сармояи дараҷаи I ва сармояи дараҷаи II, инчунин ҷудо намудани дороиҳо ба панҷ гурӯҳ вобаста ба хавф ва кифоятии сармоя иборат мебошад. Ҳатто як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқии нав, ки бо талаботҳои стандарти Кумитаи Базелӣ, аз он ҷумла, санадҳои алоқаманд бо кифоятии сармоя, таснифи дороиҳо ва идораи хавфҳо, аз ҷумла, хавфҳои қарзӣ, бозорӣ ва амалиётӣ, ҷорӣ кардани тартиботи дохилии арзёбии кифоятии сармоя дар ташкилотҳои қарзӣ ва равандҳои арзёбии назорат мутобиқ кунонида шуданд.

Нуктаҳои муҳимтарини ин бахши диссертатсияро қайд кардан зарур аст, ки аз тарафи муаллиф модели дурнамои нишондиҳандаҳои асосии бонкӣ,

аз қабили модели дурнамои дороиҳои бонкӣ, қарздиҳӣ, сармоя ва ӯҳдадориҳои бонкӣ тартиб дода шудааст.

**Дар хулоса** натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмии диссертант ҷамъбаст гардидаанд.

**Баҳои автореферати рисолаи илмӣ.**

Автореферат пурра ба мазмун ва мундариҷаи рисолаи диссертатсионӣ мувофиқ буда, ба талботҳои муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, мазмуну муҳтавои навгониҳои асосии рисоларо дар бар гирифта, мақолаҳои илмии муаллиф (11) вобаста ба мавзуи диссертатсионии мазкур чоп шудаанд.

**Дар қисмати хотимавии тақриз овардани хулосаи ҷамъбастӣ оид ба сазовор донистан ё надонистани довталаб ба дараҷаи илмии дахлдор.**

Дар баробари ҷанбаҳои мусбӣ дар диссертатсия баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасад, ки ба инобат гирифтани онҳо барои таҳқиқотҳои ояндаи диссертант самаранок арзёбӣ мегардад:

1. Дар зербоби 1.1. ақидаҳои таҳқиқотчиёни ватанию хориҷӣ доир ба мафҳумҳои “бонк”, “низоми бонкӣ”, “дороиҳо” ва “идоракунии дороиҳо” аз тарафи муаллиф хуб баррасӣ карда шудааст, аммо дар аксар ҳолат онро тарафдорӣ намудааст ва ақидаҳои мунаққидона  кам ба назар мерасад;

2. Оид ба методҳои муайянкунии сифати дороиҳо ва баҳодиҳии онҳо муаллиф пешниҳодҳои хуб намудааст, аммо методи аниқи муайянкунии сифати дороиҳо муайян карда нашудааст.

3. Зербоби 2.1. “Равандҳои идоракунии дороиҳои бонкӣ ва баҳодиҳии сифати онҳо дар шароити муосир” ба “Равандҳои идоракунии дороиҳои бонкӣ ва таҳлили сифати онҳо дар шароити муосир” номгузорӣ шавад, хуб мешуд, зеро боби 2 доир ба таҳлил мебошад ва таҳлили дороиҳои бонкӣ дар ин зербоб ҷой дорад.

4. Дар ҷадвали 2.5. нишондиҳандаҳои молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои як сол (ба ҳолати 31.12.2021) оварда шудааст,

ки таҳлил ва муайян намудани проблема бо нишондиҳандаҳои яксола хеле мушкил аст.

5. Дар диаграммаҳои 3.1., 3.2., 3.3., 3.4., 3.5. ва 3.6., ки муаллиф дар асоси маълумоти Бюллетени омори бонкӣ ва сомонаи БМТ таҳия намудааст, солҳои таҳлилшаванда гуногун мебошанд ва ин метавонад ба баҳодиҳии нодуруст оварда расонад.

6. Хулоса ва тавсияҳои пешниҳоднамудаии маллиф коркард мехоҳанд.

Қобили қайд аст, ки камбудиҳои пешниҳодгардида хислати ҷузъӣ дошта, мазмун ва баҳои воқеии кори диссератсиониро тағйир намедиҳанд.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсияи тақризшаванда.**

Дар маҷмуъ, кори диссератсионӣ дар мавзуи «Такмили низоми идоракунии дороиҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод гаштааст, рисолаи илмии анҷомёфта буда, хислату мазмуни илмию амалӣ дошта, муаллифи он Аҳадов Исматилло Қаюмович сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи назарияи иқтисодӣ ва иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (с/м № 6, аз 26.01.2024). Натиҷаи овоздиҳӣ: Тарафдор – 14, зид, бетараф нест.

**Раисикунандаи ҷаласа:**
мудири кафедраи молия ва қарзи
Донишгоҳи (Славянии) Россия ва
Тоҷикистон, н.и.и., дотсент Шарифов Т.А.

**Котиби ҷаласа:**
н.и и., дотсенти кафедраи молия ва қарзи
Донишгоҳи (Славянии) Россия ва
Тоҷикистон Қодирова М.Д.

**Ташхисгар:**
н.и.и., дотсенти кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон Миразизов А.Ҳ.

Имзоҳои Шарифов Т.А. ва Миразизов А. Ҳ.-ро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати
кадрҳо ва корҳои махсуси ДСРТ Раҳимов А.А.

**Суроға:**
734000, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе к. Мирзо Турсунзода 30
Тел: (992) 37 221-35-50
E-mail: p.rektora@mail.ru
Сомона: www.rtsu.tj